07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
07 00 02 HOME HISTORY

УДК 910.1:930.2
ББК 63.218

ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХӢ ВА ТОПОНИМИКАИ МАҲАЛҲОИ ҚАДИМИ НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

***Аюбов Абдусалом Рауфович**, номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

ИСТОРИЧЕСКАЯ ГЕОГРАФИЯ И ТОПОНИМИКА ДРЕВНИХ ПОСЕЛЕНИЙ ДЕВАШТИЧСКОГО РАЙОНА

***Аюбов Абдусалом Рауфович**, канд. ист. наук., заведующий кафедрой общей истории ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Худжанд, Таджикистан)*

HISTORICAL GEOGRAPHY AND TOPONYMY OF ANCIENT SETTLEMENTS OF DEVASHTICH DISTRICT

***Ayubov, Abdusalom Raufovich,** candidate of historical sciences, chief of the department of universal history under the State Educational Institution (SEI) "Khujand State University named after acad. B. Gafurov (Khujand, Tajikistan),*
***E -MAIL**: abdusalom-1@mail.ru*

Калидвожаҳо: *топонимика, номгузорӣ, истилоҳоти сугдӣ, манбаъҳои таърихӣ, ҷуғрофияи таърихӣ, Сугд, Уструшана, Марсманда, Даҳкат*

Масъалаи ҷуғрофия ва топонимикаи бошишгоҳҳои қадимаи Уструшана, ки яке аз марказҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр буда, дар рушди ин минтақа саҳми калон гузоштааст, мавриди бюаррасӣ қарор гирифтааст. Ноҳияи Деваштич. яке аз қисматҳои таркибии Уструшана ба ҳисоб меравад. Муайян карда шудааст, ки дар бораи ин маҳалҳо аввалин маълумоти манбаҳои хаттӣ ба муаррихони юнонӣ мансуб аст. Дар асрҳои миёна муаррихону ҷуғрофидонони арабу форсзабон дар бораи ин маҳалҳо маълумоти ҷолиби диққат додаанд. Маҳалли ҷойгиршавии қисме аз ин шаҳракҳои қадима мавзӯи баҳси олимони таърихнигор дар давраҳои мухталиф, махсусан замони шӯравӣ гаштааст. Муайян гардидааст, ки аскарияти номҳои маҳалҳои Деваштич дар асоси меъёрҳои забонҳои шарқиэронӣ, махсусан забони сугдӣ тартиб дода шудаанд. Дар ин минтақа ҳамчунин топонимҳои арабӣ ва туркӣ низ мавҷуданд.

Ключевые слова: *топонимика, номинация, согдийские термины, исторические источники, историческая география, Согд, Уструшана, Марсманда, Дахкат*

Разрабатываются проблемы исторической географии и топонимики древних поселений Уструшаны, поскольку Уструшана – один из значимых политических, экономических и культурных центров Мавераннахра, который оставил большой след в развитии этого региона. Составная часть Уструшаны - современный Деваштичский район. Выявлено, что первые письменные источники об этих поселениях принадлежат

греческим историкам. По средним векам заслуживают внимания исторические и географические сведения арабо-персидских историков и географов. Локализация некоторых из этих поселений стала дискуссионной темой у историков различных времен, в особенности Советского периода. Определено, что большая часть названий поселений Деваштичского района составлена на основе норм восточноиранских языков, и особенно согдийского. В этом регионе существуют также арабские и тюркские топонимы.

Key-words: *toponymy, nomination, Sughdian terms, historical sources, historical geography, Sughd, Ustrushana, Marsmanda, Dakhkat*

The article dwells on the elaboration of the problems related to historical geography and toponymy of ancient settlements of Ustrushana as it was one of considerable political, economic and cultural centers of Maverannahr which left a big trace in the development of the region in question. The part and parcel of Ustrushana is today`s Devashtich nokhiya. It is elicited that the first written origins about these settlements belong to Greek historians. As for Middle Ages, those historical and geographical data which pertain to Arab-Persian historians and geographers deserve our attention. Localization of the settlements in question turned into a debatable theme among the historians of different times; the Soviet period being bound to be singled out especially. It is stated that the names of the most part of settlements which existed on the territory of today`s Devashtich nokhiya were composed on the normative basis of Eastern-Iranian languages; Sughdian being in the vanguard. There are also Arabic and Turkic toponyms in this area.

Ҷуғрофияи таърихӣ чун як ҷузъи илми таърих сарҳади ҷуғрофӣ ва сиёсии вилоятҳои таърихӣ-фарҳангӣ, хусусиятҳои таҒйирёбии онҳоро меомӯзад. Ҷойгузории шаҳру маҳалҳо, тавозуни рушд ва дараҷаи маскуншавии аҳолӣ дар онҳо, муайян кардани самтҳои роҳҳои тиҷоратӣ аз вазифаҳои асосии ҷуғрофияи таърихӣ мебошанд.

Манбаъҳои ҷуғрофияи таърихӣ асарҳои ҷуғрофии ягон давраи муайяни таърихӣ, аз ҷумла давраи қадим ва асрҳои миёна, адабиёти таърихӣ мебошанд, ки дар онҳо тафсири умумии вилоятҳои муайян, махсусан дар давраҳои ҷангҳои истилогарона гирд оварда шудаанд. Ҷуғрофияи таърихӣ бо топонимика – илм дар бораи номҳои ҷуғрофӣ робитаи зич дорад. Дар ҳамии замина, бояд қайд намуд, ки бе донистани ҷуғрофияи таърихӣ мавқеи номҳои ҷуғрофиро муайян намудан душвор аст.

Номҳои ҷуғрофӣ шоҳиди шароитҳои мухталифи таърихӣ ва ҳодисаю воқеаҳое мебошанд, ки дар рафти онҳо офарида шудаанд. Онҳо асрҳои тӯлонӣ боқӣ монда, аз забон ва офарандагони худ умри дарозтар мебинанд. Пайдоиши номҳои ҷуғрофӣ на раванди одӣ, балки натиҷаи таҷрибаи бисёрасраи ҳаётии аҷдоди мо мебошад.

Уструшана дар аҳди қадим қисми ҷудонашавандаи Суғд буд. Академик Нӯъмон Неъматов дар бораи вилояти таърихӣ-фарҳангии Уструшана чунин навиштааст: «Уструшана дар аҳди қадим – ба маънои томаш, ҷузъи таркибии Суғд мебошад. Аҳолии он ба забони суғдӣ, ки лаҳҷаҳои худро дошт, гуфтугӯ мекард. Уструшанаи аҳди қадимро аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ аз Суғд ҷудо кардан мушкил аст. Аммо оҳиста-оҳиста бо тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда – кишоварзии бисёрсоҳа, болоравии шаҳрҳо, аҳолии шаҳрӣ, истеҳсолоти ҳунармандӣ ва дар шароити аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷудо будани ин қисмати Суғд, заминаҳо барои тараққиёти мустақилонаи ин марз ба вуҷуд омаданд. Муттаҳидшавии ин вилоят дар охири замони ҳукмронии Кушониён ба охир расида истода буд ва бо шикасти империяи Кушониён, ки Суғд дар ҳайати он буд, Уструшана ба мулки алоҳида табдил ёфт» [17, с.77].

Ин сарзамин маҳалҳое дорад, ки имрӯз номи онон чӣ аз ҷиҳати таърихӣ ва чӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ муаммои сарбастаанд ва ҳалли ин масъала метавонад боз як саҳифаи таърихро барои насли имрӯза бозгӯ намояд.

Яке аз қисматҳои вилояти Уструшана марзи ноҳияи имрӯзаи Деваштич мебошад. Дар ҳудуди ин ноҳия якчанд шаҳру маҳалҳои қадим мавҷуд буданд, ки бозмондаҳои онҳо ба шарофати дастовардҳои илмҳои бостоншиносӣ ва манбаъҳои хаттӣ маълуманд. Яке аз онҳо шаҳри Ғаза (Ғазак) мебошад. Дар байни истгоҳҳои ҳарбии Искандари Мақдунӣ дар соҳили Сирдарё ва Шаҳристон панҷ шаҳр мавҷуд буд. Яке аз онҳо ҳамон Ғаза буд, ки дар сари роҳи Шаҳристон-Хуҷанд меистод ва онро ҷуғрофидонону сайёҳони асримиёнагии арабу форсзабон, аз ҷумла муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» бо номи Ғазак ёдрас кардаанд [25, с.73].

Ғаза яке аз шаҳрҳое буд, ки ба истилогарони мақдунӣ муқобилати сахт нишон додааст. Ин ҷо овардани маълумоти муаллифони Юнони қадим мақбул аст. Аз ҷумла, Арриан менависад: «Худи ӯ (Искандари Мақдунӣ - А.А.) ба сӯи шаҳри Ғаза, ки ба яке аз истгоҳҳои ҳарбии ӯ наздик буд, ҳаракат кард. Гуфтанд, ки барбарон аз гирду атрофи ҳафт шаҳр ҷамъ шуданд. Ӯ сарлашкари худ Кратерро ба Киропол (Куруката) фиристод, ки дар он ҷо барбарони бисёр ҷамъ омада буданд. Худ бошад, ба Ғаза наздик омада, фармон дод, ки бо як ҳаракат шаҳрро ишғол намоянд. Пешакӣ ба деворҳои на он қадар баланди аз гил сохташудаи шаҳр норбонҳои махсусро рост карданд. Аҳолии Ғаза гарчанд шаҳр ишғол шуда бошад ҳам, муборизаро давом медод, ҳар яке дар ҷои истодаи худ ҳалок мешуд. Искандар ба шаҳр аз гирду атроф одамонро кӯчонда овард; шаҳр барои ӯ дар шароити ҷанг ба қалъа табдил ёфт» [3, с.141]. Бояд гуфт, ки юнониён аҳолии маҳаллиро барбарон мегуфтанд. Муаллифи дигари юнонӣ - Полибий навишта буд: «Аз рӯи адолат ва ҳам қарз мебояд, ҳамду сано ба мардуми Ғаза хонем. Бо омадани Искандар, вақте ки ҳамаи шаҳрҳои дигар ба ӯ мутеъ шуданд, онҳо пеши истилогар сар хам накарданд» [19, с.272].

Дар бораи мавқеи шаҳри қадимаи Ғаза байни муаррихон ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. В.В.Григорйев менависад, ки «…шояд Ғазаи Арриан ба ин Ғазак барои он нисбат дода мешавад, ки вай аз Хуҷанд дар масофаи дуртар, тақрибан 6 фарсах ҷойгир буд. Искандари Мақдунӣ дар соҳили Сирдарё, наздикии Хуҷанд карор дошт. Ғаза бошад, шаҳри шӯришбардоштаи ба ӯрдугоҳи ӯ наздиктарин буд» [10, с.34]. Ин ақидаи ӯро А.И. Макшеев ҷонибдорӣ кардааст [13, с.56]. Баъзе муҳаққиқон Ғазаро дар марзи ноҳияи имрӯзаи Спитамен ҷойгир кардаанд [24, с.24].

Муаррихони номӣ аз қабили В.В.Бартолд ақида доштанд, ки Ғаза дар марзи имрӯзаи деҳаи Ғазантарак ҷойгир шуда буд [6, с.224]. Ин ақида аз ду ҷиҳат қобили қабул аст. Аввалан, ба ҳам наздик омадани номи шаҳри куҳан ва деҳаи кунунӣ; сониян, бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд. Наздикии Ғазантарак бозмондаи шаҳраки қадима бо номи Қалъаи Кӯҳна вуҷуд дорад. Дар бораи Қалъаи Кӯҳна академик Н.Н. Неъматов навишта буд: «… тақрибан ду ҳазор сол пеш дар ин ҷо маҳали аҳолинишини дорои қалъа зери номи Ғаза ҷойгир буд. Сокинони ин қалъа якҷоя бо аҳолии маҳалҳои гирду атроф бо ҷанговарони Искандари Мақдунӣ муборизаи қатъию нобаробар бурдаанд. Ҳазор сол пештар дар ин ҷо шаҳраки хурд воқеъ буд. Шаҳраки Қалъаи Кӯҳна вориси ин шаҳри Ғазак мебошад» [16, с.125].

Ҳафриёти бостоншиносӣ нишон доданд, ки шаҳрак бо девор иҳота шуда буд, бозмондаи онро ҷо-ҷо пай бурдан мумкин аст. Масоҳати он тақрибан 5-6 гектарро ташкил медод. Майдон ҳарчанд имрӯз зери киштукор қарор дошта бошад ҳам, дар рӯи он сафолпораҳои шикастаи кӯзаю дигар асбобҳои рӯзгорро пайдо кардан мумкин аст. Шаҳрак байни ду сой қарор дошта, ба таври табиӣ ҳимоя мешуд. Қалъаи Кӯҳна, ки бозмондаи Ғазаи қадима аст, метавон гуфт, ки Ғазантараки имрӯза вориси ин шаҳри куҳан аст.

Ин ҷо мехостем чанд андешаи худро оид ба номи шаҳри қадимаю деҳаи имрӯза баён созем. Бояд гуфт, ки ривоятҳои халқӣ дар бораи номи Ғазантарак, ки гӯё аз истилоҳи «қазон» (дег) ва «терак» (сафедор) пайдо шудааст, асос надорад. Номи он аз истилоҳи қадимаи «ғаза» бармеояд, маънои «қалъа»-ро дорад. Шакли аслии Ғазантарак «ғазаандарак» аст, ки маъноияш «қалъаи хурди дохилӣ» мебошад ва бо ҳамон Қалъаи Кӯҳна алоқамандӣ дорад.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки Ғазантарак таърихи зиёда аз ду ҳазорсола дорад ва боиси ифтихор аст, ки аҷдоди мардуми деҳа ҳама мардони ҷасур ва далеру тавоно буданд.

Дар болооби дарёи Басмандасой яке аз деҳаҳои калонтарини минтақа – Басманда ҷойгир шудааст. Мутобиқи маълумотҳо то инқилоб деҳа Қалъаи Миразиз низ ном дошт. Аз деҳа роҳе мегузашт, ки ба сӯи аҷбаи Оббурдон ва Камодон мебурд, ки ба воситаи онҳо ба Кӯҳистони Мастчоҳ гузаштан мумкин буд.

Дар маъхазҳои хаттии таърихӣ омадааст, ки дар наздикии русто (ноҳия)-и вилояти таърихии Уструшана шаҳри Марсманда қарор дошт. Ҷуғрофидонони арабзабон шаҳри Марсмандаро рустои алоҳида намеҳисобиданд. Аз ин бармеояд, ки ин шаҳр ба ҳайати рустои Минк дохил мешуд. Ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавкал навиштааст, ки дар наздикии шаҳри Марсманда ва рустои Минк оҳан истеҳсол мекарданд. Маҳсули ин кон на танҳо Уструшанаю Фарғонаро таъмин мекард, балки онро ба Хуросон ва Ироқ низ мебурданд. Мутобиқи андешаи академик Нӯъмон Неъматов шаҳри Марсманда дар соҳили дарёе ҷойгир буд, ки оби он зимистон ях мебаст [18, с.44]. Бо вуҷуди аз об танқисӣ надоштанаш, иқлими сарди шаҳр барои боғдорӣ ва токпарварӣ номусоид буд. Аммо саҳрою марғзорҳои фаровон барои чорводорӣ шароити хуб муҳайё сохта буданд.

Дар масъалаи ҷойгиршавии шаҳри Марсманда дар байни олимон ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Академик В.В.Бартолд онро дар болооби Зарафшон ҷойгир кардааст [6, с.225]. М.Е.Массон зери номи Марсманда шакли вайроншудаи истилоҳи Варзмандаро дар назар дорад. Бо ин ӯ ба деҳаи имрӯзаи Варзминори ноҳияи Айнӣ ишора мекунад [14, с.53].

Аз рӯи ақидаи П.Г. Иванов, ки таърихи истеҳсоли маъданҳои кӯҳии Осиёи Миёнаро таҳқиқ кардааст, Марсманда дар шимоли қаторкӯҳи Туркистон дар ҳамсоягӣ бо Фарғона ҷойгир шуда буд [11, с.23]. Ӯ фикри худро бо истеҳсоли маъдан дар ин минтақа асоснок кардааст ва дар болооби Зарафшон қарор доштани ин шаҳрро нодуруст мешуморад. Ҷуғрофидонони араб дар бораи истеҳсоли маъдан дар болооби Зарафшон ягон хел маълумот надодаанд.

Дар охири асри ХХ дар ду ёдгории бостоншиносии Уструшана – Қалъаи Мик дар болооби Зоминсу ва шаҳраки Қалъаи Кофари Даҳкат корҳои тадқиқотӣ оғоз ёфтанд. Бозмондаҳои шаҳри Марсманда дар ин минтақа ҳанӯз соли 1950 кашф гардида, ба асрҳои Х-ХII нисбат дода шудаанд. Соли 1984 бошад, корҳои омӯзиши ин ёдгорӣ идома ёфтанд. Дар натиҷа маълум шуд, ки шаҳраки калони ёфтшуда на ин ки Қалъаи Барбар, чуноне ки О.И.Смирнова қайд кардааст, балки Қалъаи Кофар ном дорад [21, с.220]. Қалъаи Барбар бошад, дар соҳили дигари сой ҷойгир шудааст [20, с.70]. Дар ин ҷо бозмондаҳои қаср ва ибодатхонаи оташпарастон ёфт шуданд.

Дар наздикии деҳаи Метк, ҷанубтар аз ёдгории Қалъаи Кофар, дар пастхамии кӯҳ ҷои истеҳсоли маъдан бо номи Кони Оҳан ёфт шудааст. Ёдгориҳои бостоншиносии бадастомада имкон доданд, то дар бораи дар Қалъаи Кофар ҷой додани шаҳри Марсманда ва дар минтақаи Даҳкат ҷой додани рустои Минк хулоса бароварда шавад. Бостоншиноси тоҷикзабони Русия Даврон Абдуллоев, ки

муаллифи ин сатрҳо ҳамроҳи ӯ муддати се сол дар шаҳри Санкт-Петербург ҳамкории илмӣ дошт, шаҳри Марсмандаро дар ҳамин минтақа ҷой додааст [1, с.122].

Агар ба харитаи асримиёнагии Уструшана нигарем, дар он мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Марсманда ба таври аниқ нишон дода шудааст. Аз ин бармеояд, ки шаҳри асримиёнагии Марсманда ва деҳаи имрӯзаи Басманда аз ду ҷиҳат бо ҳам шабоҳат доранд. Аввалан, бо ҳам наздик будан ва монандӣ доштани номҳо ва сониян мавқеи ҷойгиршавии он дар соҳили сой.

Муаллифи ин сатрҳо дар асоси маълумоти халқӣ роҷеъ ба таърихи Басмандаи қадим мақола чоп карда буд. Аммо тадқиқоти вақтҳои охир нишон медиҳад, ки маънии аслии номи Марсмандаи қадим-Басмандаи имрӯза дар ҷои дигар ниҳон аст. Бояд гуфт, ки номи қадимаи Басманда низ дар шакли Марсманда бо тақвими суғдӣ ва мавқеи ҷойгиршавии он пайваста аст. Ёдрас кардан ҷоиз аст, ки бо рӯзҳои тақвими суғдӣ бисёр маҳалҳо номгузорӣ шудаанд. Аз ҷумла, номи қадимаи Уструшана дар шаклҳои Усрушана, Осрушана бо рӯзи 18-уми тақвими суғдӣ вобаста аст [26, p.410]. Ин рӯз «расн», «рашн», «рашан» ном дошта, маънии «фаришта», саҳеҳтараш «фариштаи боадолат»-ро медиҳад [15, с.446].

Яке аз воситаҳои номгузории маҳалҳои Осиёи Миёна дар аҳди қадим ва махсусан асрҳои миёна додани номи рӯзҳои баргузории бозор буд: Душанбе, Чоршанбе, Панҷшанбе, Ҷумъа. Чунин таҷриба ба замони сукунати суғдиёни қадим рафта мерасад. Абурайҳон Берунӣ менависад, ки суғдиён ҷашнҳои худро дар рӯзҳое мегузарониданд, ки дар ҳар моҳ номи якхела доштанд. Ӯ ҳамчунин номи рӯзҳои бозориро, ки мутобиқи тақвими суғдӣ номи махсус доштаанд, овардааст [7, с.74]. Аз ҷумла чунин рӯз дар Марсманда ба рӯзи 29-уми моҳ бо номи «марспант» рост меомад. Дар бораи доир гаштани бозор дар ин рӯз бисёр сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» маълумот медиҳанд [25, с.73].

Бояд гуфт, ки амшоспандон («муқаддас», «ҷовидон»)-и Авасто низ дар рӯзи 29-уми тақвими суғдӣ дар шакли «марспант», «марспанд» зикр ёфтаанд. Асоси ин номро истилоҳи қадимиэронии «асман» ташкил медиҳад, ки маънии «осмон», «санг», «сахт»-ро дорад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи ҷойгиршавии шаҳри Марсманда дар минтақаи кӯҳӣ ва вориси он будани деҳаи Басманда изҳори ақида шавад.

Аз тарафи рости Басмандасой рӯди Оқсу ҷорӣ мешавад. Қисми аввали он Даҳкатсой ном дошта, дар натиҷаи бо ҳам пайваст шудани рӯдҳои хурди Ровутчӣ ва Ровутан ташкил ёфтааст. Дар соҳили чапи поёноби ин сой деҳаи Даҳкат ҷойгир шудааст. Атрофи деҳаро дашту теппаҳои Шахи Лолазор, Шахи сари тахт, Зиндонак, Сурхӣ, Пшодун иҳота кардаанд. Деҳа аз ду кӯча иборат буд, ки Рост ва Чап номгузорӣ шудаанд. Аҳолии деҳаро гурӯҳҳои ҳамхун ва ҳамзабони тоҷикон бо сарварии Бобоэлликбошӣ, Зайналбобо, Муллобой, Одинабой, Шодимаҳмад ва Бободил бобо ташкил додаанд.

Даҳкат яке аз маҳалҳои кӯҳнаи Уструшана ба шумор меравад. Дар ин бора сарчашмаҳои хаттӣ ва маводҳои бостоншиносӣ маълумот медиҳанд. Бостоншинос А.Билолов ҳангоми тадқиқот дар канори деҳа ёдгории асримиёнагиро дарёфт карда буд [8, с.71]. Дар «Бобурнома»-и Заҳриддин Муҳаммад Бобур номи деҳаи Даҳкат якчанд маротиба ёдовар шудааст [5, с.86].

Номи деҳаи Даҳкат бо истилоҳоти суғдӣ сохта шудааст. Вай аз қисмҳои «даҳ» ва «кат» таркиб ёфтааст». Истилоҳи «кат» маънои «хона», «ҳавлӣ», «маҳал»-ро медиҳад [26, p.197]. Ҳамчунин қайд бояд кард, ки истилоҳи «даҳ» дар ибтидои маънои «дег»-ро дошт ва чун истилоҳи суғдии «кат» дар зери он як оила, ки як хоҷиро пеш бурда, соҳиби як хона буд, дар назар дошта мешуд. Истилоҳи «кат» дар Осиёи Миёна ҳамчун воситаи

паҳншудаи калимасозӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин хотир, эҳтимол аст, ки чунин даҳ оилаи хоҷагидор ташкилкунандаи ин деҳа ба ҳисоб мераванд.

Дар ин минтақа ҳамчунин деҳаи Хшекат ҷойгир шуда буд. Деҳа ба ду гузар – Ҷангал ва Хишекат тақсим шудааст. Роҳе, ки деҳаҳои поён ва болои Деҳкатсойро бо ҳам пайваст мекунад, аз ҳамин ҷо гузаштааст. Дар деҳаи Хишекат авлоди тоҷикон бо сарварии Шодӣ, Гадойбой, Шарифбозӣ аз деҳаи Ғузни Мастчоҳ ва Чоркӯҳи Исфара омадааанд. Туркҳо бошанд бо роҳбарии Мулло Эшбой, Қурбон Муҳаммад аз Мӯрияк ва дигар деҳоти аҳолиаш туркзабони Истаравшан омадааанд.

Донандагони таърихи маҳал чунин меҳисобанд, ки маънии истилоҳи «хшекат» «қушбеги» аст. Қушбеги – вазифаи махсус дар дарбори ҳоким буда, ин мафҳум аз забони туркӣ баромадааст. Дар аморати Бухоро бо ин истилоҳ сарвазир, дар хонигарии Қӯқанд сарфармондеҳи ҳарбӣ, дар хонигарии Хива ҳокими қисмати шимолии давлатро меномиданд. Ҳамчунин, ташкилкунандаи шикорҳои шоҳонро «қушбегӣ» мегуфтанд. Аммо, ин топоними «хшекат» бо «қушбегӣ»-и туркӣ алоқаманд набуда, ба яке аз шеваҳои забонҳои эронии шарқии қадим ва суғдӣ тааллуқ дорад. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ ин истилоҳ шакли «хшекат»-ро дорад [12, с.144].

Топоними «хшекат» дар таркиби худ истилоҳи «кат»-ро дорад ва аз ин хотир, онро танҳо дар асоси забони суғдӣ маънидод кардан мумкин аст. Бо ин ном дар роҳи ағбаи Шаҳристон маҳале мавҷуд аст. Номи он дар асрҳои миёна дар шакли «Ишката» баён меёфт [22, с.30]. Ин ном маънии «шаҳри сафед»-ро дорад ва бо деҳаи Ишкатаи Фарғона баромади ягона дорад. Деҳаи мазкур дар асрҳои миёна ва давраи нав ҳамчун Ахси (Ахсикат) маълум аст. Ин ақидаро В.И.Бушков дастгирӣ кардааст [9, с.60]. Шояд номи деҳа бо шароити табиии он алоқамандӣ дошта бошад.

Дар навоҳии наздикӯҳии қисми ҷанубу шарқии вилояти Истаравшан деҳаҳои Ростровут ва Каҷровут ҷойгир шуда, номи онҳо бо истилоҳи суғдии «ровут» сохта шудааанд. Ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ мафҳуми «овут»-ро ёдрас мекунанд, ки маънои «ҷой»-ро дорад. «Ровут»-и номи ин ду деҳот аз «овут»-и суғдӣ баромадааст [22, с.19].

Дар забони қадимаи шарқиэронӣ мафҳуми «ровут» (rāvana) маънои «истгоҳ»-ро дорад. Аз нуқтаи назари А.Абдунабиев форманти «ровут» (робут) ба истилоҳи форсии rāvad – «марғзор»< эронии rāvana ҳаммаъно буда, асоси ҳиндуавропоии он rewa – «ҷои кушод, муҳит» мебошад [2, с.6]. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ омадааст, ки ровод «ҷое, ки марғзор, обҳои равон ва пуштаҳо дорад» [23, с.67]. Дар луғати Асадии Тӯсӣ низ ҳамин хел омадааст: «Ровад – ҷое бошад пуштаву сабза бар ӯ руста» [4, с.119]. Одатан ин гуна истгоҳҳо дар сари роҳҳои корвонгузар қарор доштанд.

Топоними «ростровут» аз ду қисм: «рост» ва «ровут» - истгоҳ таркиб ёфтааст. Деҳаи Ростровут дар қади роҳи тиҷоратии Ӯротеппа – Испонӣ ҷойгир буд ва аз ин хотир номи «ростровут»-ро гирифтааст ва маънои он «истгоҳи қади роҳи тиҷоратӣ» мебошад.

Чӣ тавре аз навиштаҳои боло бармеояд, дар сарчашмаҳои хаттии таърихӣ номи чанд шаҳру маҳалҳои қадимае омадааанд, ки дар марзи ноҳияи кунунии Деваштич ҷойгир буданд. Шаҳрҳою деҳоти Ғазак, Марсманда, Минк, Хшекат, Ростровут, Даҳкат ва чанде дигар аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар байни топонимҳои ноҳия номҳои суғдӣ, тоҷикӣ, туркӣ бештар ба назар мерасанд.

Пайнавишт:

1. *Абдуллаев Д. Сведения таджикского анонимного автора (X в.) о городах и селениях Уструшаны // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии. - Душанбе, 2002. – С. 121-123.*
2. *Абдунабиев А.А. Лингвистический анализ топонимии региона Ура-Тюбе: автореф. дис. …канд. филол. наук: 10.02.22. - Душанбе, 1992. – 24 с.*

3. *Арриан, Квинт Эппий Флавий. Поход Александра (Анабасис Александра).- СПб.: Алетейя, 1993. — 368 с.*
4. *Асадии Тӯсӣ. Лугати Форс. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 452 с.*
5. *Бабур-наме: Записки Бабура. - Ташкент: Гл. ред. энциклопедий, 1993. - 463 с.*
6. *Бартольд В.В. История культурной жизни Таджикистана. Соч. Т.II. Ч.I. - М., 1963. – С.169-433*
7. *Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990.- 432 С.*
8. *Билалов А.И. Из истории ирригации Уструшаны. – Душанбе: Дониш, 1980. – 192 с.*
9. *Бушков В.И. К проблеме топонимии авестийских гимнов // ЭО. - 1998. - №1. – С.60-69.*
10. *Григорьев В.А. Поход Александра Великого в Западный Туркестан // Журнал Министерства народного просвещения. Часть CCXVII. - СПб.: Типография В.С. Балашев и Ко, 1881. – 84 с.*
11. *Иванов П.П. К истории развития горного промысла в Средней Азии. - М. - Л.: Государственное научно-техническое геолого-разведочное издательство, 1932. - 81 с.*
12. *Караев С.К. Древние топонимы в согдийских документах с горы Муг // Ономастика Средней Азии. – Фрунзе: Илим, 1980. - С.141-149.*
13. *Макшеев А.И. Географические, этнографические и статистические материалы о Туркестанском крае, с картою. // «Записки Географического Общества», Т. II., 1871 г. - 60 с.*
14. *Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых. Таджико-Памирская экспедиция 1933 г., материалы экспедиции. - Вып. 20. - Л., 1934. - 108 с.*
15. *Мирбабаев А.К. Дахмаки Курката: раскопки и исследования //Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. Вып. 7. - Душанбе, 2003 - С.267-562.*
16. *Негматов Н.Н. Древняя и раннесредневековая Уструшана // Археологи рассказывают. - Сталинабад, 1959. – С.114-134.*
17. *Негматов Н.Н. Таджикский феномен: история и теория. - Душанбе, 1997. – 448 с.*
18. *Негматов Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье // Труды Отделения общественных наук АН Таджикской ССР. - Т.55. - Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1957. - 160 с.*
19. *Полибий. Всеобщая история. Т.II. - М.: ООО «Издательство АСТ», 2004. – 765 с.*
20. *Рахимов Н.Т. Очерки средневековой истории Вагката-Ура-Тюбе (X-XVI вв.). – Худжанд: Нури маърифат, 2004. – 122 с.*
21. *Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. // Материалы и исследования по археологии СССР. - 1953. - №37. – С.189-230.*
22. *Согдийские документы с горы Муг. Вып. III. Хозяйственные документы Чтение, перевод и комментарии М.Н. Боголюбова, О.И. Смирновой. - М.: Изд-во восточной литературы, 1963. – 132 с.*
23. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 945 с.*
24. *Шварц Ф. Александр Македонский в Туркестане // Туркестанские ведомости. - 1894. - №56.*
25. *Ҳудуд-ул-олам. – Душанбе: Адиб, 2008. – 128 с.*
26. *Sogdian Dictionary (Sogdian-Persian-English) by B. Gharib. - Tehran: Farhangan Publication, 1995. – 644 p.*

Reference Literature:

1. *Abdullaev D. Information of Tajik Anonymous Author (X century) about the Cities and Villages of Ustrushana // The Role of Istaravshan in the History of the Civilization of the Peoples of Central Asia. - Dushanbe, 2002. – pp. 121 – 123.*

2. *Abdunabiev A.A. Linguistic Analysis of the Toponymy of Ura-Tyube Region: synopsis of candidate dissertation in history: 10.02.22. - Dushanbe, 1992. - 24 pp.*
3. *Arrian Quintus Eppius Flavius. Alexander's March (Anabasis Alexander). - SPb.: Aleteya, 1993. - 368 pp.*
4. *Tusi, Asad. Persian Dictionary. - Khujand: Light of Enlightenment, 2015. - 452 pp.*
5. *Babur-Name: Babur`s Notes. - Tashkent: Central Editorial Board of Encyclopedias, 1993. - 463 pp.*
6. *Bartold V.V. The History of Cultural Life of Tajikistan. Compositions. V. II. Part I. - M., 1963. - pp. 169 – 433.*
7. *Beruni, Aburaghon. Osor-ul-bokiya. - Dushanbe: Cogntion, 1990. – 432 pp.*
8. *Bilalov A.I. From the History of Irrigation of Ustrushana. - Dushanbe: Knowledge, 1980. - 192 pp.*
9. *Bushkov V.I. To the Problem of the Toponymy of Avestian Hymns // EO. - 1998. - No. 1. – pp. 60 - 69.*
10. *Grigoriev V.A. The Great Alexander`s March to West Turkestan // Journal of the Ministry of People`s Enlightenment. Part CCXVII. - SPb.: V.S. Balashev and Co., 1881. - 84 pp.*
11. *Ivanov P.P. On the History of the Development of Mining in Central Asia. - M.-L.: State scientifico-technical geological exploratary publishing house, 1932. - 81 pp.*
12. *Karaev S.K. Ancient Toponyms in Sughdian Documents from the Mount of Mug // Onomastics of Central Asia. - Frunze: Science, 1980. – pp. 141 – 149.*
13. *Maksheev A.I. Geographic, Ethnographic and Statistical Materials about Turkestan Region Provided with a Map// Notes of the Geographical Society. -V. II., 1871 - 60 pp.*
14. *Masson M.Ye. From the History of the Mining Industry of Tajikistan. Former Mining of Minerals. Tajik-Pamirs Expedition of 1933, Materials of the Expedition. - Issue. 20. - L., 1934. - 108 pp.*
15. *Mirbabaev A.K. Dahmaki Kurkata. Excavations and Researches // Ancient Ustrushana: Cities, Their Localization and Chronology. Issue 7. - Dushanbe, 2003 - pp. 267 - 562.*
16. *Negmatov N.N. Ancient and Early Medieval Ustrushana // Archaeologists Retell. - Stalinabad, 1959. - pp. 114 – 134.*
17. *Negmatov N.N. Tajik Phenomenon: History and Theory. - Dushanbe, 1997. – 448 pp.*
18. *Negmatov N.N. Ustrushana in Antiquity and Early Middle Ages // Proceedings of the Department of Social Sciences under the Academy of Sciences of the Tajik SSR. - V.55. - Stalinabad: Publishing-house of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, 1957. - 160 pp.*
19. *Polybius. General History. - V.II. - M.: Assoc. Ltd. "AST Publishing-House", 2004. - 765 pp.*
20. *Rakhimov N.T. Essays on the Medieval History of Vagkat-Ura-Tyube (X-XVI centuries). - Khujand: Light of Enlightenment, 2004. - 122 pp.*
21. *Smirnova O.I. Archaeological Explorations in Ustrushana in 1950 // Materials and Researches on Archeology of the USSR. 1953, - No. 37. - pp. 189 – 230.*
22. *Sughdian Documents from "The Mount of Mug". Issue III. Household Documents. Reading, Translation and Comments by M.N. Bogolyubova, O.I. Smirnova. - M.: Publishing-House of Oriental Literature, 1963. - 132 pp.*
23. *Interpretation Dictionary of the Tajik Language. Volume 2. - Dushanbe, 2008. - 945 pp.*
24. *Schwartz F. Alexander the Macedonian in Turkestan // Turkestan Tidings. - 1894. - No. 56.*
25. *World Borders. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2008. - 128 pp.*
26. *Sughdian Dictionary (Sughdian-Persian-English) by B.Gharib. - Tehran: Farhangan Publication, 1995. – 644 pp.*